Маориф ва маданият N82 (3443);
панҷшанбе, 8 июли соли 1971, саҳ. 3.

# Ҳадиси мумтоз

Латофату салосат, равонию форамии ашъори Ҳофизро хурду калон ҳама писандидаанд. Ин сифати баланди назм бошад, ба туфайли риоя намудани ягонагии мустаҳками мазмуну шакл, эътибори ҷиддӣ додан ба интихоби калимаву таъбирҳои мувофиқ, бамавқеъ истеъмол кардани санъатҳои бадеии созгор ба Ҳофиз муяссар гардидааст. Ӯ аз аксари саньатҳои бадеии маъмул истифода намудааст, вале ягонтои онҳоро мисли баъзе шоирони душворписанд суиистеъмол накардааст.

Дар қатори дигар воситаҳои тасвири бадеӣ Ҳофиз назми мусаҷҷаъро низ ба кор бурдааст, ки ба ин фикр байти зерин мисоли равшан шуда метавонад:

*Ҳангоми т а н г д а с т ӣ дар айш кӯшу мастӣ,*
*К-ин кимиёи ҳ а с т ӣ Қорун кунад гадоро.*

Маълум аст, ки дар ин навъи санъат байт ба чаҳор пораи баробар тақсим шуда, дар се пораи аввал саҷъ нигоҳ дошта мешаваду пораи охирин бо қофияи умумии шеър мувофиқат мекунад, чунон ки дар байти боло «тангдастӣ», «мастӣ» ва “ҳастӣ” саҷъ буда, “гадоро” қофияи шеър аст.

Мисоли дигар:

*Ало, эй пири ф а р з о н а, макун манъам зи м а й х о н а,*
*Ки ман дар тарки п а й м о н а диле паймоншикан дорам,*

Дар байти аввал саҷъ мутарраф кор фармуда шудааст, чунки «тангдастӣ», «мастӣ» ва «ҳастӣ» ҳамқофияанд, вале дар вазн бо ҳамдигар мувофиқ нестанд. Аммо саҷъи байти дуйум бошад, мутавозӣ аст, зеро калимаҳои мусаҷҷаи “фарзона”, “майхона” ва “паймона” ба замми ҳамқофия буданашон ҳамвазн ҳам мебошанд.

Дар ғазалиёти Ҳофиз навъи дигари саҷъ, ки онро т а ш г и р мегуянд, бештар ба назар мерасад. Дар ин санъат саҷъ на дар байт, балки дар мисраъ риоя карда мешавад. Масалан, байти зерин ба чаҳор пораи баробар тақсим шуда бошад ҳам, танҳо дар ду пораи аввал саҷъ нигоҳ дошта шудааст (“ёр ва магзор”):

*Бусидани лаби ёр аввал зи даст м а г з о р,*
*К-охир малул гардӣ аз дасту лаб газидан*

Ғазалҳои Ҳофиз нишон медиҳанд, ки ӯ ҳаргиз маҳз аз паи санъат нарафтааст ва боре барои суханоройӣ шеър нагуфтааст. Чунончӣ, ӯ дар байти аввали мисоли зерин дар мисраи якум саҷъ ба кор бурда бошад, дар дуйум онро дар мисраи охирин риоя намудааст:

*Ба куҷо барам ш и к о ят, ба кӣ гуям ин ҳ и к о я т?*
*Ки лабат ҳаёти мо буду надоштӣ давоме?*
*Аҷаб аз вафои ҷонон, ки тафаққуде нафармуд,*
*На ба хомае с а л о м е, на ба номае паёме.*

Аксари байтҳои мусаҷҷаи Ҳофиз дар мавзуъҳои ишқиву ҷавонӣ, дар баёни тарабу шодӣ, ҳангоми тараннуми висолу фараҳ ва амсоли онҳо суруда шудаанд.

Баъзан ҳангоми тасвири ҷушу хурӯши қалбӣ ва туғёни эҳсосот мисраъҳои Ҳофиз на танхо мусаҷҷаъ, балки мусаҷҷаи мураддаф мешаванд. Масалан, ӯ дар байти зайл пас аз саҷъҳои дилкашу форами "руде" ва "суруде" калимаи гушнавози "хуш"-ро такроран овардааст:

*Чу дар даст аст р у д е  х у ш, бизан, мутриб суруде хуш,*
*Ки дастафшон ғазал хонему покубон сар андозем.*

Дар байти поён бошад, шоир барои аёнӣ нишон додани қомати дилҷуи маҳбубаи худ саҷъи мутаррафро ("хиромон" ва "гулистон") ба кор бурдааст:

*Шамшод х и р о м о н, кун, в-оҳанги г у л и с т о н кун*
*То сарв биёмузад аз қадди ту дилҷуӣ.*

Қобили қайд аст, ки Ҳофиз дар қатори саҷъҳои мутарраф ва мутавозӣ, навъи мураккаби он саҷъи мутавозиро ҳам ба кор бурдааст. Масалан, дар байти зерин калимаҳои "ҷаъдаш", "арзад" ва "будӣ" бо ҳамдигар ҳамқофия нестанд, вале ҳамвазн мебошанд:

*Он турра, ки ҳар ҷ а ъ д а ш сад нофаи Чин арзад,*
*Хуш будӣ, агар б у д ӣ буеш зи хушхуӣ.*

Дар мисраи дуйуми байти поён бошад, "бусӣ» ва «буй» саҷъи мутавозинанд. Илова бар ин, ҳамин мисраъро ба ҳукми байти мурассаъ тасаввур кардан мумкин аст, зеро шоир "лаб"-ро бо "май", "гири"-ро бо

«нушӣ», «рух»-ро бо «гул» ба тарзи аъло мутавозин ва ташбеҳу мутаносиб сохтааст:

*Маснад ба гулистон бар, то шоҳиду соқиро*
*Лаб гирию рух бусӣ, май нушию гул буй,*

Умуман, саҷъро якҷоя бо санъатҳои гуногуни бадеӣ моҳирона кор фармудан яке нишонаҳои муҳимми назми Ҳофиз ба шумор меравад. Чунончӣ, дар ин байт саҷъ ва ташбеҳ дар риштаи таносуб хеле созгор омадаанд:

*Хор арчи ҷон б и к о ҳ а д, гул узри он б и х о х а д,*
*Талхии бода саҳл аст дар ҷанби завқи мастӣ.*

Аммо шоир аз санъати саҷъ на танҳо дар ифшои мазмунҳои ишқӣ, балки гоҳе дар зимни баёни мавзуъҳои панду ахлоқ ва ғайра низ истифода намудааст. Масалан, дар байти зайл саҷъ бамавқеъ омада, дар муҷассамии фикру таъсирбахшии сухан нақши калон бозидааст:

*То фазлу ақл б и н ӣ, бе маърифат н а ш и н ӣ,*
*Як нуктаат бигуям: худро мабин, растӣ.*

Мисоли дигар, ки дар он саҷъ якҷоя бо радиф истеъмол ёфтааст:

*Чун умр т а б а ҳ  к а р д а м, чандон ки н и г а ҳ  к а р д а м,*
*Дар кунчи хароботе афтода хароб авло.*

Дар девони ашъори Ҳофиз навъи дигари саҷъро дучор шудан мумкин аст, ки дар он пораҳои якуму сейуми байт ҳамқофия буда, пораи дуйум озод ва пораи чорум ба қофияи умумии ғазал мувофиқат мекунад. Барои мисоли ин навъи саҷъ, ки онро баъзеҳо, чунончӣ Атоулло т а ҷ з и я номидаанд, ду байти зеринро нишон додан мумкин аст:

*Аз дасти з о ҳ и д кардем тавба,*
*В-аз феъли обид астағфируллоҳ.*
*Чоно, чӣ гуям шарҳи фироқат,*
*Чашмею сад нам, ҷонею сад оҳ ...*

Дар эҷодиёти ин шоири ширинсухан ғазалҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки саросар ва ё аксари байтҳояшон мусаҷҷаъ мебошанд.

Ба ин тариқ, таъкид кардан мумкин аст, ки Хоҷа Ҳофиз ҳамчун шоири мумтоз барои ифода намудани мазмунҳои олии лирикии ишқӣ, андарзу насиҳат аз навъҳои гуногуни назми мусаҷҷаъ ба хубӣ истифода бурдааст. Махсусан бояд қайд кард, ки дар ягон байту мисраи Ҳофиз саҷъ ба маънӣ халал нарасондааст, яъне боиси шаклпарастӣ нашуда, балки воситаи муҳимми ягонагии шаклу мундариҷа қарор гирифтааст. Ин ҳолат ва он чиз, ки дар девони Ҳофиз навъҳои мураккаби саҷъ низ дида мешавад, ба тарзи равшан гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ шоири ширинадо ва ҳассосу мумтоз будааст.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**номзади илми филология**

«Маориф ва маданият»
№82 (3473); панҷшанбе, 8 июли соли 1971, саҳ. 3

# Ҳадиси мумтоз

ЛАТОФАТУ салосат, равонию форамии ашъори Ҳофизро хурду калон ҳама писандидаанд. Ин сифати баланди назм бошад, ба туфайли риоя намудани ягонагии мустаҳками мазмуну шакл, эътибори ҷиддӣ додан ба интихоби калимаву таъбирҳои мувофиқ, бамавқеъ истеъмол кардани санъатҳои бадеии созгор ба Ҳофиз муяссар гардидааст. Ӯ аз аксари санъатҳои бадеии маъмул истифода намудааст, вале ягонтои онҳоро мисли баъзе шоирони душворписанд сӯиистеъмол накардааст.

Дар қатори дигар воситаҳои тасвири бадеӣ Ҳофиз назми мусаҷҷаъро низ ба кор бурдааст, ки ба ин фикр байти зерин мисоли равшан шуда метавонад:

**Ҳангоми т а н г д а с т ӣ дар айш кӯшу**
**м а с т ӣ,**
**К-ин кимиёи х а с т ӣ Қорун кунад гадоро.**

Маълум аст, ки дар ин навъи санъат байт ба чаҳор пораи баробар тақсим шуда, дар се пораи аввал саҷъ нигоҳ дошта мешаваду пораи охирин бо қофияи умумии шеър мувофиқат мекунад, чунон ки дар байти боло «тангдастӣ», «мастӣ» ва «ҳастӣ» саҷъ буда, «гадоро» қофияи шеър аст.

Мисоли дигар:

**Ало, эй пири ф а р з о н а, макун манъам зи**
**м а й х о н а,**
**Ки ман дар тарки п а й м о н а диле**
**паймоншикан дорам,**

Дар байти аввал саҷъ мутарраф кор фармуда шудааст, чунки «тангдастӣ», «мастӣ» ва «ҳастӣ» ҳамқофияанд, вале дар вазн бо ҳамдигар мувофиқ нестанд. Аммо саҷъи байти дуюм бошад, мутавозӣ аст, зеро калимаҳои мусаҷҷаи «фарзона», «майхона» ва «паймона» ба замми ҳамқофия буданашон ҳамвазн ҳам мебошанд.

Дар ғазалиёти Ҳофиз навъи дигари саҷъ, ки онро т а ш г и р мегӯянд, бештар ба назар мерасад. Дар ин санъат саҷъ на дар байт, балки дар мисраъ риоя карда мешавад. Масалан, байти зерин ба чаҳор пораи баробар тақсим шуда бошад ҳам, танҳо дар ду пораи аввал саҷъ нигоҳ дошта шудааст («ёр ва магзор»):

**Бӯсидани лаби ё р аввал зи даст м а г з о р,**
**К-охир малӯл гардӣ аз дасту лаб**
**газидан**

Ғазалҳои Ҳофиз нишон медиҳанд, ки ӯ ҳаргиз маҳз аз паи санъат нарафтааст ва боре барои суханоройи шеър нагуфтааст. Чунончӣ, ӯ дар байти аввали мисоли зерин дар мисраи якум саҷъ ба кор бурда бошад, дар дуюм онро дар мисраи охирин риоя намудааст:

**Ба куҷо барам ш и к о я т, ба кӣ гӯям ин**
**ҳ и к о я т?**
**Ки лабат ҳаёти мо буду надоштӣ давоме?**
**Аҷаб аз вафои ҷонон, ки тафаққуде**
**нафармуд,**
**На ба хомае с а л о м е, на ба номае**
**п а ё м е.**

Аксари байтҳои мусаҷҷаи Ҳофиз дар мавзӯъҳои ишқиву ҷавонӣ, дар баёни тарабу шодӣ, ҳангоми тараннуми висолу фараҳ ва амсоли онҳо суруда шудаанд.

Баъзан ҳангоми тасвири ҷӯшу хурӯши қалбӣ ва туғёни эҳсосот мисраъҳои Ҳофиз на танҳо мусаҷҷаъ, балки мусаҷҷаи мураддаф мешаванд. Масалан, ӯ дар байти зайл пас аз саҷъҳои дилкашу форами «руде» ва «суруде» калимаи гӯшнавози «хуш»-ро такроран овардааст:

**Чу дар даст аст р у д е х у ш, бизан,**
**мутриб суруде хуш,**
**Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар**
**андозем.**

Дар байти поён бошад, шоир барои аёнинишон додани қомати дилҷӯи маҳбубаи худ саҷъи мутаррафро («хиромон» ва «гулистон») ба кор бурдааст:

**Шамшод х и р о м о н, кун, в-оҳанги**
**г у л и с т о н к у н,**
**То сарв биёмӯзад аз қадди ту**
**дилҷӯӣ.**

Қобили қайд аст, ки Ҳофиз дар қатори саҷъҳои мутарраф ва мутавозӣ, навъи мураккаби он саҷъи мутавозиро ҳам ба кор бурдааст. Масалан, дар байти зерин калимаҳои «ҷаъдаш», «арзад» ва «будӣ» бо ҳамдигар ҳамқофия нестанд, вале ҳамвазн мебошанд:

**Он турра, ки ҳар ҷ а ъ д а ш сад нофаи Чин**
**а р з а д,**
**Хуш будӣ, агар б у д ӣ бӯеш зи хушхӯӣ.**

Дар мисраи дуюми байти поён бошад, «бӯсӣ» ва «бӯӣ» саҷъи мутавозинанд. Илова бар ин, ҳамин мисраъро ба ҳукми байти мурассаъ тасаввур кардан мумкин аст, зеро шоир «лаб»-ро бо «май», «гири»-ро бо «нӯшӣ», «рух»-ро бо «гул» ба тарзи аъло мутавозин ва ташбеҳу мутаносиб сохтааст:

**Маснад ба гулистон бар, то шоҳиду**
**соқиро**
**Лаб гирию рух б ӯ с ӣ, май нӯшию гул**
**б ӯ й,**

Умуман, саҷъро якҷоя бо санъатҳои гуногуни бадеӣ моҳирона кор фармудан яке аз нишонаҳои муҳимми назми Ҳофиз ба шумор меравад. Чунончӣ, дар ин байт саҷъ ва ташбеҳ дар риштаи таносуб хеле созгор омадаанд:

**Хор арчи ҷон бихоҳад, гул узри он бихоҳад.**
**Талхии бода саҳл аст дар ҷанби завқи мастӣ.**

Аммо шоир аз санъати саҷъ на танҳо дар ифшои мазмунҳои ишқӣ, балки гоҳе дар зимни баёни мавзӯъҳои панду ахлоқ ва ғайра низ истифода намудааст. Масалан, дар байти зайл саҷъ бамавқеъ омада, дар муҷассамии фикру таъсирбахшии суҳан роли калон бозидааст:

**То фазлу ақл бинӣ, бе маърифат нашинӣ,**
**Як нуктаат бигӯям: худро мабин, растӣ.**

Мисоли дигар, ки дар он саҷъ якҷоя бо радиф истеъмол ёфтааст:

**Чун умр табаҳ кардам, чандон ки нигаҳ кардам,**
**Дар кунҷи хароботе афтода хароб авло.**

Дар девони ашъори Ҳофиз навъи дигари саҷъро дучор кардан мумкин аст, ки дар он пораҳои якӯму сейӯми байт ҳамқофия буда, пораи дуйӯм озод ва пораи чорӯм ба қофияи умумии ғазал мувофиқат мекунад. Барои мисоли ин навъи саҷъ, ки онро баъзеҳо, чунончӣ Атоулло таҷзия номидаанд, ду байти зеринро нишон додан мумкин аст:

**Аз дасти зоҳид кардем тавба,**
**В-аз феъли обид астағфируллоҳ.**
**Ҷоно, чӣ гӯям шарҳи фироқат,**
**Чашмею сад нам, ҷонею сад оҳ...**

Дар эҷодиёти ин шоири ширинсухан ғазалҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки сар-тосар ва ё аксари байтҳояшон мусаҷҷаъ мебошанд.

Ба ин тариқ, таъкид кардан мумкин аст, ки Хоҷа Ҳофиз ҳамчун шоири мумтоз барои ифода намудани мазмунҳои олии лирикии ишқӣ, андарзу насиҳат аз навъҳои гуногуни назми мусаҷҷаъ ба хубӣ истифода бурдааст. Махсусан бояд қайд кард, ки дар ягон байту мисраи Ҳофиз саҷъ ба маънӣ халал нарасондааст, яъне боиси шаклпарастӣ нашуда, балки воситаи муҳимми ягонагии шаклу мундариҷа қарор гирифтааст. Ин ҳолат ва он чиз, ки дар девони Ҳофиз навъҳои мураккаби саҷъ низ дида мешавад, ба тарзи равшан гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ шоири нотакрор ва ҳассосу мумтоз будааст.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**номзади илми филология.**